# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна таҳти унвони “Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

Ғазал ба ҳайси жанри маъруфи суннатӣ дар эҷодиёти шоирони муосири тоҷик, ҳам дар даврони шуравӣ ва ҳам замони истиқлол аз мавқеи хосса бархурдор мебошад. Зимнан, бояд қайд кард, ки жанри ғазал дар эҷодиёти суханварони доираи адабии Кӯлоб ҳам, ки дар ибтидои асри XX ҳанӯз дар оғози даврони шуравӣ оғоз ёфта, пас аз инқирози сиёсати шуравӣ дар идомаи фаъолият қарор гирифтабуд, аз истифода ва рушду инкишоф боз намондааст. Дар доираи адабии ду асри охири Кӯлоб жанри ғазал маншаи корбурди худро аз эҷодиёти Сомеъ Одиназода ва Сайидалӣ Вализода гирифта, дар эҷодиёти шоироне, амсоли: Ашур Сафар, Сайидҷон Ҳакимзода, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳақназар Ғоиб, Сафармуҳаммад Аюбӣ, Хосият Вализода, Абдулҳай Қаландар ва дигар суханварони доираи мазкур аз истиқболи гарм бархурдор гардид. Аммо, воқеият ин аст, кимиёни шоирони доираи адабии Кӯлоб жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мавқеи намоёнтару устувортарро доро мебошад. Зеро, ҳам аз нигоҳи басомади жанрӣ, яъне теъдоди ғазал дар кулли эҷодиёт, ҳам аз ҷиҳати дар баргирии мавзуъ ва ғоя ва ҳам аз нигоҳи дарёфтҳои ҳунарию офариниши образҳо, жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мақоми хосса дорад.

Ашур Сафар ҳанӯз аз ибтидои эҷодиёти худ, ки ба солҳои 50-ум-60-уми асри гузашта рост меояд, ба ғазал дастзада, то охирин лаҳзаҳои умри хеш ба эҷодиёти жанри мазкур машғул будааст. Дар тамоми маҷмуаҳои шоир ғазал ба ҳайси жанри асосӣ миёни кулли жанрҳои дигари эҷоднамудаи ӯ ҷилваи махсус дорад. Аммо, бо вуҷуди шухрати зиёди Ашур Сафар ба ҳайси як суханвари ширингуфтори муосири тоҷик, ғазалиёти вай то ҳанӯз ба таври алоҳида мавриди таҳқиқи фарогири илмӣ қарор нагирифтаанд, ки ин ҳолат зарурати таҳқиқи ҷиддиву густардаро дар иртибот бо ғазалиёти шоир пеш меорад.

Роҷеъ ба баъзе паҳлуҳои ашъори Ашур Сафар агар чи аз ҷониби баъзе муҳаққиқони тоҷик мақолаҳои алоҳида таълиф гаштаанд, аммо онҳо ё ба дигар паҳлуҳои эҷодиёти шоир бахшида шудаанд, ё худ хусусияти умумию иттилоотӣ дошта, ба мавзуи жанри ғазал дар эҷодиёти шоир алоқаманд нестанд. Маҳз ҳамин халои омӯзиш аз мубрамият ва аҳамияти мавзуи таҳқиқи диссертатсионии мо далолат намуда, дар муайян кардани хусусиятҳои гуногуни мавзуӣ, сабкӣ, поэтикӣ ва бадеии жанри ғазали нимаи дувуми асри гузашта ва ибтидои даврони истиқлол дар мисоли эҷодиёти як намояндаи барҷастаи доираи адабии Кӯлоб сабаб мегардад.

Диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Курбонмуродовна таҳти унвони "Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар"аз чаҳор боб иборат мебошад. Бобҳои кор ҳам ба унвон ва ҳам ба мавзуи матраҳнамуда мутобиқат доранд. Дар боби якуми диссертатсия – «Ғазал ва мавқеи он дар эҷодиёти Ашур Сафар» номгузори шудааст ва аз се фасл иборат аст. Сухан дар хусуси чигунагии ҷараёни нашри ғазалҳои шоир дар нашрияҳои даврӣ, жанри ғазал дар маҷмуаҳои шоир ва ҳамчунин дар васфи бандубасти ғазалиёташ меравад.

Боби дуюми диссертатсия – «Хусусиятҳои ғоявию мавзуии ғазалиёти Ашур Сафар» унвон дошта, фарогири 5 фасл мебошад. Асоситарин ва марказитарин мавзуъҳои ашъори Ашур Сафар, аз ҷумла ватан ва сулҳу вҳдат, ишқу муҳаббат, мавзуи зан - модар, панду ҳикмат ва ҳаҷв дар ғазалиёти шоир таҳқиқ гардида, андешаҳои муаллиф дар ин маврид бо мисолҳои собит низ аз ашъори Ашур Сафар шарҳ дода шудааст.

Боби 3-юми диссертатсия «Хусусиятҳои поэтикӣ ва сабкии ғазалиёти Ашур Сафар» унвон дошта, аз ду фасл иборат аст. Муаллиф оид ба вазни ғазалиёти шоир ва чигунагии корбурди қофияву радиф ва хусусиятҳои сабкии ғазалиёти шоир таҳқиқ бурда, ҳар яке аз вижагиҳои мазкурро ба таври равшану возеҳ ва бо мисолҳо асоснок намудааст.

Боби 4-ум «Хусусиятҳои бадеии ғазалиёти Ашур Сафар» номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Дар боби мазкур воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои корбурди онҳо дар ғазалиёти шоир бо таваҷҷуҳ ба шавоҳиди шеърӣ мавриди баррасӣ қарор додааст. Тибқи таҳлилу баррасии вай, санъатҳои тамсил, талмеҳ ва дигар санъатҳои бадеӣ ба монанди ташбеҳу истиора дар ғазалиёти Ашур Сафар» бештар мавриди корбурд қарор гирифтааст.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи адабиётшиносии "Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ, ки аз ҷониби Шаробова Маҳбуба Курбонмуродовна пешниҳод шудааст, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои омӯзиши як бахши адабиётшиносӣ арзишманд аст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки муҳаққиқ дар натаҷаи меҳнати чандсола ба мақсади худ расидааст. Тахлилу муҳокима ва натиҷагирии муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат аст.

Новобаста аз арзиши баланди илмиву амалӣ дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст. Аз ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсия ҷо-ҷо ғалатҳои техникиву имлоӣ ва баъзан услубӣ дар ҷумлаҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба сифати кор мебошад;

2. Дар дохили автореферат оид ба корҳои анҷомдодаи муҳаққиқони ватанию хориҷӣ нишон дода шудааст, аммо дар поварақ кам ба назар мерасанд.
3. Дар □исмати нашри таълифоти илм□ муаллиф 6 мақолаи тақризшававанда зикр кардааст, вале дар автореферат чорто нишон дода шудааст.

Ҷойи зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои мазкур характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшаванда мебошанд ва қимати илмии авторефератро намекоҳонад.

Дар хулоса, натиҷагириҳо дар бораи ҳамаи хусусиятҳои асосии таҳқиқ ба таври мушаххас оварда шудаанд. Автореферати диссертатсия дуруст таҳия карда шуда, дар шакли мухтасар ва мундариҷаи он ба сохтори асосии диссертатсия мувофиқат мекунад, асоснокии мувофиқат, навгониҳои таҳқиқоти тақризшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, хулосаҳои асосии таҳқиқро фаро мегирад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷмуъ 4 то мебошанд, мазмун ва муҳтавои диссертатсияро бозгӯӣ мекунанд.

Он камбудӣ ва ғалатҳое, ки ин ҷо оварда шуд, мазмуну мундариҷа ва муҳтавои умумии диссертатсияро халалдор намекунад ва ҳамаи онҳо ислоҳшаванда мебошанд. Рисолаи диссертатсионии Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна таҳти унвони «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» дуруст, пурра ва мукаммал буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ сазовор мебошад.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии
давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ф. Додихудоев Р.М.

Имзои Р.М.Додихудоевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамидов Ш.

Суроға: Шаҳри Душанбе, н.Сино, кӯч, Маяковский 70
E- mail: bestmuslim@.ru
Тел: (+992) 107000104
Сана: “22” 08 2023